**Дастуруламали мухтасар барои пур кардани шакли ҳисоботи омории Шакли 10-м «Маълумоти фаврии бонк ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ»**

Шакли 10-м «Маълумоти фаврии бонк ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ»-ро ҳамаи бонкҳои мустақил ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ сарфи назар аз шакли моликияташон ба суроғаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар моҳ то санаи 15 баъди давраи ҳисобот пешниҳод менамоянд. Маълумотҳои ҳисобот бо дарназардошти асъори хориҷӣ бо пули миллӣ нишон дода мешаванд.

Маълумотҳои пешниҳод шуда танҳо бо мақсади оморӣ дар шакли ҷамъбастӣ истифода бурда мешаванд.

Дар сутуни 1 - маълумотҳо дар бораи ҷамъбасти афзоянда, бақия дар охири давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешаванд.

Дар сутуни 2 - маълумотҳои ҳамин давраи соли гузашта нишон дода мешаванд.

Дар сатри 01 - маблағи сармояи оинномавии бонк ё ташкилоти ғайрибонкӣ ба ҳолати охири давраи ҳисоботӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 02 - шумораи шуъбаҳои бонк дар минтақаҳо ва дар хориҷи мамлакат оварда мешаванд.

Дар сатри 03 - ҷамъи бақияи амонатҳои амалкунандаи аҳолӣ бо пули миллӣ (сатри 04) ва бо асъори хориҷӣ (сатри 05) нишон дода шуда ва аз он ҷумла амонатҳои муҳлатдор алоҳида оварда мешаванд (сатри 04.1 ва 05.1).

Дар сатри 06 - маблағи интиқоли пулии шахсони воқеӣ аз хориҷи мамлакат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ ба ҳолати охири ин давра нишон дода мешаванд (бо назардошти асъори хориҷӣ) ва аз ин маблағ дар сатри 06.1- маблағи ба аҳолӣ баргардонидашуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 07 - ҷамъи маблағгузориҳои қарзии бонк (бо назардошти қарзи бо асъори хориҷӣ) ба корхона ва ташкилотҳо (сатри 08), ба шахсони воқеӣ (сатри 09), ва ба бонкҳои дигар (сатри 10) нишон дода мешаванд. Қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат аз ҷумла қарзи муҳлаташ гузашта алоҳида оварда мешаванд.

Дар сатри 11 - маблағи саҳмия ва дигар қоғазҳои арзишноки ба аҳолӣ фурӯхташуда ва дар сатри 11.1 - аз ҷумла саҳмияҳои НОБи Роғун нишон дода мешаванд.

Дар сатрҳои 12-17 меъёри миёнаи фоизӣ аз рӯи қарзи дарозмуддати ба корхона ва ташкилотҳо, ба шахсони воқеӣ додашуда ва аз рӯи амонатҳои нави аҳолӣ, алоҳида бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ оварда мешаванд.

Дар сатри 18 - миқдори кортҳои пардохтӣ (пластикӣ) дар муомилот ва аз он ҷумла кортҳои дебетӣ, кредитӣ (қарзӣ) ва пешпардохтӣ алоҳида дар сатрҳои 18.1-18.3 оварда мешаванд.

Дар сатри 19 - шумораи амалиётҳои пардохти молҳо, кор ва хизматрасонӣ, ки бо истифодаи кортҳои пардохтӣ ба амал бароварда шудаанд ва аз он ҷумла дар сатри 19.1 гирифтани пули нақд, дар сатри 19.2 пардохти ғайринақдӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 20 - ҳаҷми амалиётии пардохти молҳо, кор ва хизматрасонӣ, ки бо истифодаи **кортҳои пардохтӣ** дар муомилот буда, ба амал бароварда шудаанд нишон дода мешавад.

Дар сатри 20.1 – ҳаҷми амалиёти гирифтани пули нақд бо истифодаи **кортҳои пардохтӣ** ва дар сатри 20.2 ҳаҷми амалиёти пардохти ғайринақдӣ оварда мешавад.

Дар сатри 21 - шумораи амалиётҳои пардохти молҳо, кор ва хизматрасонӣ, ки бо истифодаи **ҳамёнҳои электронӣ** ба амал бароварда шудаанд ва аз он ҷумла дар сатри 21.1 гирифтани пули нақд, дар сатри 21.2 пардохти ғайринақдӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 22 - ҳаҷми амалиётҳои пардохти молҳо, кор ва хизматрасонӣ, ки бо истифодаи **ҳамёнҳои электронӣ**, ба амал бароварда шудаанд нишон дода мешавад.

Дар сатри 22.1 – ҳаҷми амалиёти гирифтани пули нақд бо истифодаи **ҳамёнҳои электронӣ** ва дар сатри 22.2 ҳаҷми амалиёти пардохти ғайринақдӣ оварда мешавад.

Дар сатри 23 - ҳаҷми амалиётҳои пардохти ғайринақдии молҳо, кор ва хизматрасонӣ, ки бо истифодаи **QR рамзҳо**, ба амал бароварда шудаанд нишон дода мешавад.

Дар сатри 24 - ҳаҷми амалиётҳои пардохти ғайринақдии молҳо, кор ва хизматрасонӣ, ки бо истифодаи **POS - терминалҳо**, ба амал бароварда шудаанд нишон дода мешавад.

Дар сатри 25- маълумоти зерсохтор оиди миқдори банкоматҳо (сатри 25.1) ва шумораи терминалҳо дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ (сатри 25.2) нишон дода мешаванд.

Раёсати системаи ҳисобҳои миллӣ ва омори молияи
Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон